# ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи “Дастурамал дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд”

Лоиҳаи Дастурамал дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд (минбаъд - Дастурамал) тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар қисмати захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ тавассути миёнакунонӣ, яъне “Механизми миёнакунонии захираҳои ҳатмӣ” (Reserve requirement averaging mechanism) дар асоси моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” таҳия гардида, тартиби иҷрои талаботи захираҳои ҳатмиро аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Таҳияи лоиҳаи Дастурамали мазкур, дар навбати худ шарти муҳим барои таъмини заминаҳо ҷиҳати гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум, иҷрои муқаррароти “Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат”, “Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2025” ва “Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат (PCI) бо Хазинаи Байналмилалии Асъор то соли 2025” ба ҳисоб меравад.

Лоиҳаи Дастурамал дар доираи ҳамкорӣ байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Корпуси волонтёрони хизматрасониҳои молиявӣ (FSVC) дар якҷоягӣ бо мушовирони байналмилалӣ дар заминаи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва бонкҳои марказӣ таҳия шуда, бо мақсади татбиқ намудани муқаррароти он нисбати ташкилотҳои қарзие, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон захираҳои ҳатмиро таъмин менамоянд, пешбинӣ шудааст.

Айни замон бо сабаби мувофиқ набудани санади меъёрии ҳуқуқии амалкунанда бо механизми миёнакунонии захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ, зарурат пеш омадааст, ки санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор дар таҳрири нав таҳия ва тасдиқ карда шавад, то ин ки таъмини захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар доираи талаботи механизми миёнакунонӣ мутобиқ гарданд.

Иҷрои талаботи захираҳои ҳатмӣбо пули миллӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар механизми миёнакунонии захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ нисбат ба тартиби амалкунанда тафовут дошта, тағйиротҳои зерин, аз ҷумла васеъ гардидани пойгоҳи захиравӣ, ҷорӣ намудани давраҳои таъминнокӣ, таъмини маблағи захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ дар суратҳисоби муросилотӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон ва иҷрои талаботи захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ бо ҳисоби миёнаи бақияи маблағ дар суратҳисобӣ муросилотиро талаб мекунад.

Қабули гардидани лоиҳаи Дастурамали мазкур боиси пешравии фаъолияти ташкилотҳои қарзии кишвар, мутобиқ гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ, мусоидат ба пешбурди самараноки сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди фаъолияти бозори байнибонкӣ ва идораи самараноки захираҳои ташкилоти қарзӣ, кафолати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳо, таъмини фазои одилонаи рақобатпазир ва мусоидат ба фаъолияти пурсамари низоми молиявию бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

Захираҳои ҳатмӣ бо пули милӣ тавассути механизми миёнакунонӣ барои ташкилотҳои қарзии кишвар таҷрибаи нав ба шумор рафта, татбиқи босамари он кафолати пешбурди сиёсати натиҷабахши пулию қарзии давлат ва рушди низоми молиявию бонкӣ ҳисобида мешавад. Тасдиқ ва қабули Дастурамали мазкур дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ душворӣ пеш намеорад ва аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб карда намешавад.

Раис Толибзода Ф. Н.